# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон, ки онро муҳаққиқ аз ҷиҳати назариявӣ-дидактикӣ ва амалӣ ҳамчун мавзуи мубрам мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст, яке аз проблемаҳои муҳим дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад.

Кори илмию таҳқиқотӣ бори нахуст дар заминаи таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ, аз ҷумла забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шудааст.

Диссертант Носиров Саъдулло Шукулоевич ба мавзуи мубрам даст зада, проблемаҳои дар ин самт мавҷударо ошкор ва то андозае роҳҳои ҳалли онҳоро низ пешниҳод намудааст.

Мақсади таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва озмоишӣ роҳу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни тадриси фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ муайян ва асоснок карда шавад.

Муайян намудани дараҷаи коркарди илмии масоили ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои силсилаи фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ва омилҳои назариявию дидактикӣ, асоснок намудани омилҳои пешбари педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ; таҳияи барномаи омӯзиш ва ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ ва риояи талаботи он; таҳқиқи имкониятҳои воқеии таълимии хонандагон; ба роҳ мондани омӯзиши таъминкунандаи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон тавассути шаклу методҳои нави таълим ва ба тариқи озмоишӣ санҷидани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба шароити муосири татбиқи онҳо, ниҳоят, дар асоси маълумотҳои бадастомада тарҳрезии амсилаи намунавии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ҷиҳати самаранокгардонии тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ аз вазифаҳоеанд, ки ба анҷом расонидани онҳоро муҳаққиқ ба таъмини иҷрои мақсади таҳқиқот марбут медонад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, чор боб, хулоса барои ҳар як боб, хулосаҳои умумӣ, пешниҳоду тавсияҳои илмӣ-методӣ барои истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт – 420 номгӯй иборат буда, дар матн 20 ҷадвал, 5 диаграмма ва 2 расм ҷой дода

шудааст. Дар умум, ҳаҷми диссертатсия 379 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима муҳаққиқ бо андешаҳои асоснок мубрамию муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ ва мақсад, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намудааст.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии ташкили раванди педагогӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, хусусиятҳои назариявию дидактикии онҳо, нақш ва махсусиятҳои раванди таълим, таносуби таълим ва инкишофи тамоилҳои имконпазири хонандагонро дар шароити таҳсилоти муосир муайян намудааст.

Муҳаққиқ барҳақ ишора намудааст, ки дар соҳаи таҳсилот ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ҳамчун муайянкунандаи салоҳиятнокии маърифатии онҳо яке аз проблемаҳои асосӣ маҳсуб меёбад.

Аз ҳамин нуктаи назар, сарогоз зарур донистааст, ки ба адабиёту манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла ба назария ва таҷрибаи олимони ватанию хориҷӣ рӯ биёрад ва кӯшидааст, ки  зимни таҳқиқот сабабу омилҳои мушкилотро ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод созад.

Дар робита ба ин, аз осори илмии олимони соҳа Буйдоқов Х., Ш.И. Ганелин, Ю.К. Бабанский, Н.А. Сорокин П.С. Лейбенгруб, П.И. Пидкасистий ва чанде дигарон иқтибос оварда, назару андешаҳои онҳоро ҷиҳати ҳалли масъалаи азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳо, дараҷаи омӯзиши зеҳни хонандагон, мазмуни донишҳои ҷамъбастӣ, интихоби шаклу усулҳо, ташкил ва методикаи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ истифода бурдааст.

Носиров С.Ш. дар марҳилаҳои пажӯҳиш омӯзиши муқоисавии якчанд методҳо гузаронида, модели «Сабти рефлексивии фаъолияти таълимии хонанда»-ро тартиб додааст, ки тавассути он ба омӯзгор муяссар мегардад, ки зарфияти имконпазири воқеии таълимии ҳар як шогирдашро арзёбӣ намояд ва дар баробари ин, маҳорати худтаҳлилкунии онҳоро ташаккул диҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия масъалаҳои банақшагирӣ, мазмун ва методикаи машғулиятҳои гуногун, намудҳои таълим ва фаъолнокии маърифатии хонандагон, робитаи байнифаннӣ ва мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ҳаллу фасл гардидаанд.

Муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои санҷишу таҳлилҳо изҳори нигаронӣ мекунад, ки аксари омӯзгорон системаи аниқу равшан банақшагирифтаи инкишоф додани зеҳни хонандагонро надоранд, ба ин масъала дар дарсҳо гоҳ-гоҳ аҳаммият дода, аз он кам кор мегиранд. Дарвоқеъ, дар ин самт мушкилиҳо вуҷуд доранд.

Ба мақсади ошкор намудани сабабҳои асосии мушкилӣ кашидани онҳо бо омӯзгорони зиёд саволу ҷавоб доир кардааст, ки натиҷаашро дар ҷадвали 2 нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия масъалаҳои асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ ва мушаххас, хусусиятҳои омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва шароити педагогии татбиқи онҳо дар раванди таълим ва аҳаммияти маърифатии қонунҳои илмии фанҳои гуманитарию ҷамъиятиро дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон фаро мегирад.

Дар бораи қонуниятҳои асосии ташаккули мафҳумҳо, шароити татбиқи онҳо дар раванди тадрис маълумоти бештари асоснок дода шудааст.

Мафҳумҳо, хусусиятҳои психологии инкишофи онҳо ҳам дар илм ва ҳам дар таълим, роҳҳои бартараф намудани омилҳою камбудиҳо, аҳаммияти мафҳумҳо барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Муҳаққиқ таснифоти мафҳумҳоро аз рӯйи мавқеашон дар фанни таълимӣ муайян ва бузургии нақшу аҳаммияти онҳоро дар азхудкунии донишҳо ва пурмазмуну самараовар гардонидани раванди таълим собит сохтааст.

Муаллиф боби чорумро ба таҳқиқоти озмоишии роҳу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ва натиҷаи онҳо бахшида, аҳаммияти шаклҳои гуногуни ташкили таълим, системаи дарсҳо ва самаранокии озмоишҳои таълимӣ дар азхудкунии дониш ва рушди салоҳиятҳои зеҳнӣ муҳим арзёбӣ намудааст.

Ниҳоят, фаъолияти педагогии омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ва деҳот роҷеъ ба тадриси фанҳои таълимӣ мавриди таҳлил қарор дода, камбудиҳоро ошкор ва барои роҳандозии шаклҳои гуногуни ташкили таълим – семинару конференсияи таълимӣ, маҳфили фаннӣ, маҳфили зеҳнӣ, шабҳои саволу ҷавоб, викторина, мубоҳиса, экскурсия (сайр)-и таълимӣ ва ғайра тавсияҳои муфид манзур намудааст.

Дар анҷом, диссертант ба хулосае омада, ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълими силсилаи

фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ – забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсонро дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи мубрам арзёбӣ мекунад ва итминон дорад, ки татбиқи он талаботи асосии соҳаи маорифро қонеъ мегардонад.

Автореферат ва маводи илмии ба табъ расонидаи Носиров С.Ш. музмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос намуда, арзиши баланди илмӣ доранд.

Новобаста аз муваффақиятҳои кори таҳқиқотӣ ва арзиши баланди илмии он дар матн баъзе камбудиҳо, ба монанди ғалатҳои имлоию техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки мазмуну мундариҷаи онро коста намегардонанд.

## ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Муқарриз:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забон ва фарҳанги
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қурбон Тоирович

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055. ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел.: (+99237) 234-88-00
Суроғаи электронӣ: info@iuet.tj
Телефонҳо барои тамос:
(+992 37) 234-88-02; (+992 37) 234-88-24;
(992) 918 66 47 08

*Имзои Қ. Хоҷаевро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ ДБССТ* *Ҷураев Ш.Н.*

26.04.2025с.